# ҚАРОРИ

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, № 450

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №450 «Дар бораи Қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ» тағйироти зерин ворид карда шавад:

1) дар муқаддима рақами «3» ва калимаҳои «карантини растанӣ» мувофиқан ба рақами «7» ва калимаҳои «карантин ва муҳофизати растаниҳо» иваз карда шаванд;

2) ба Қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, № 450 «Дар бораи Қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ» тасдиқ шудааст, тағйироти зерин ворид карда шаванд:

- дар бандҳои 1 ва 3 рақами «3» ва калимаҳои «Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Хадамот)» мувофиқан ба рақами «7» ва калимаҳои «Кумитаи бехатарии озуқаворции назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумита)» иваз карда шаванд;
- дар бандҳои 4, 5, 7, 8 ва 13 калимаи «Хадамот» ба калимаи «Кумита» иваз карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2020, №376 тасдиқ шудааст

**Қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Қоида ва меъёрҳои таъмини карантини растанӣ (минбаъд–Қоида) тибқи талаботи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» таҳия шуда, қоидаи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маводи таҳти карантинӣ, инчунин содироти ин маводро ба кишварҳои хориҷӣ муқаррар менамояд.

2. Мақсади таҳияи Қоидаи мазкур ин ба роҳ мондани фаъолияти ҷиҳати пешгирии вориду паҳншавии организмҳои зараррасони карантинӣ ба ҷумҳурӣ ва таъмини мубориза барзидди онҳо мебошад.

3. Татбиқи муқаррароти Қоидаи мазкур аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқавори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Кумита) ба роҳ монда мешавад ва талаботи он аз ҷониби мақомоти давлатӣ, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд иҷро карда шавад.

## 2. Қоида ва меъёрҳои воридоту содиротӣ маводҳои таҳти карантинӣ

4. Воридоти маводи таҳти карантинӣ аз мамлакатҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин имконпазир аст:

- иҷозати воридоти карантинӣ, ки аз ҷониби дастгоҳи маказии Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тафсири байналмилалии организмҳои зараррасони карантинӣ, дар шаклҳои ҳомили қоғазӣ ё электронӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

- сертифкати фитосанитарӣ, ки онро мақоми ваколатдори давлвтӣ оид ба таъмини карантини растании давлати содиркунанда додаст.

5. Маводи таҳти карантинии аз давлатҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда дар нуқтаҳои воридоти онҳо ба қаламрави ҷумхурӣ аз ҷониби мутахассисони Кумита таҳти назорати карантини фитосанитарӣ қарор дода мешаванд. Дар ҳолате, ки маводи таҳти карантинии воридшуда нишонаҳои мубталои сироят аз организмҳои зараррасони карантинӣ ё дигар организмҳои хатарнокро надоранд, он гоҳ барои интиқоли онҳо ба дохили мамлакат иҷозат дода, барасмиятдарори он бо санади назорати фитосанитарӣ маводҳои таҳти карантинӣ анҷом дода мешавад.

6. Воридоти маводи такарантинӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои хориҷӣ, ки дар онҳо организмҳои зараррасони карантинӣ ва

дигар организмҳои зараррасони хатарнок, аз ҷумла алафҳои бегона, ҳашаротҳои зараррасону канаҳо, барангезандагонии касалиҳои растаниҳо (замбӯруғҳо, бактерияҳо, вирусҳо) ва нематодаҳо ошкор карда мешавад,манъ аст.

7. Дар сурати ошкор кардани зараррасонҳои карантинӣ дар бор ҳангоми ба гузаргоҳои сарҳадӣ расидан, мутахассисони Кумита ӯҳдадоранд ба соҳиби бор бобати истифодаи минбаъдаи он тавсия диҳад, соҳиби бор бошад, дар ин маврид ӯҳдадор аст, дар мӯҳлати як шабонарӯз чораҳои дахлдор андешад.

8. Маводи таҳти караантинӣ, ки аз давлатҳои хориҷӣ ворид гардидаанд, дар сурати дар онҳо ошкор намудани организмҳои зарарасони карантинӣ ва дигар зарарасонҳои хатарнок, бояд бо усули кимёвӣ ё дигар усулҳои безараргардонии (фумигатсияи) ҳатмӣ карда шавад.

9. Безараргардонии маводи таҳти карантинӣ аз организмҳои зарарасони карантинӣ ва дигар организмҳои зарарасони хатарнок, дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, ки ин бор ба воситаи онҳо ворид мегардад, гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои имконпазир будани татбиқи чораҳои самараноки безараргардонӣ нисбати ин мавод, дар асоси дастури мутахассиснои Кумита ин бор барои коркарди техникӣ равона карда мешавад ё ба содиркунанда баргардонида ва ё нобуд карда мешавад.

10. Тамоми хароҷоти вобаста ба безарраргардонӣ коркарди техникӣ, баргардонӣ ва ё нобуд кардани маводҳои таҳти карантинӣ аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ин борро ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид менамоянд, пардохта мешавад.

11. Борҳои транзитии иборат аз маводи таҳти карантинӣ, ки тавасути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад, бояд аз назорати карантинӣ фитосанитарӣ гузашта ва мутобиқи қоидаҳои байналминалии боркашонӣ ба танзим дароварда шавад.

12. Маводи таҳти карантинӣ, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои хориҷӣ содир карда мешавад, бояд ба талаботҳои пешбининамудаи созишномаҳои байналминалии карантин ва ҳифзи растанӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҷавобгӯ бошад.

13. Ҳар як миқдори маводи таҳти карантинии содиротӣ бояд сертификатсия кунонида шавад ва сертифкати фитосанитарии шакли муқарраргардидаро, ки аз ҷониби мутахассисони Кумита дода шудааст, ҳамроҳи худ дошта бошад.

**3.Муқаррароти хотимавӣ**

14. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд қоидаҳо ва меъёрҳои таъмини карантинӣ растаниро ҳангоми воридот ва содироти маводи таҳти карантинӣ қатъиян риоя намоянд.

15. Дар ҳолати риоя накардани қоидаҳо ва меёрҳои таъмини карантини растанӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.